**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ - назариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 35 саҳ).**

Низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон, ки фарогирандаи марҳилаи соҳибистиқлолии кишвар мебошад, масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, махсусан ҳифзи ҳуқуқи инсонро бо махсусиятҳои хоси худ пешбинӣ кардааст. Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки муҳимтарин санадҳо баҳри эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон қабул карда шаванд. Эҳтиром ва ҳифзи ҳуқуқи инсон мутобиқи қонунгузорӣ вазифаи давлат, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳар як шахси алоҳида мебошад. Дар низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон амалигардии ҳуқуқ ба таҳсил ва механизмҳои ҳимояи он яке аз масъалаҳои мубрами ҳаётӣ ба шумор меравад.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи амалигардии ҳуқуқ ба таҳсил падидаи нав набуда, ҳанӯз дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии ҳуқуқу озодиҳои инсон мавриди эътироф ва ҳифз қарор дода мешуданд. Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқ ба таҳсил ва механизмҳои ҳимояи он ҳанӯз дар низомҳои ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ дар асоси сарчашмаҳои одатию динӣ ва ҳуқуқии таърихӣ амалӣ мегардид. Низоми ҳуқуқии зардуштӣ бо Авасто ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии худ, низоми ҳуқуқии мусулмонӣ бо Қуръон, ҳадисҳо ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқию динӣ ва низоми ҳуқуқии шуравӣ бо конститутсия, қонунҳои соҳавӣ ва дигар сарчашмаҳои сирф меъёрии ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таҳсилро ба роҳ мемонданд.

Низоми ҳуқуқии муосири Тоҷикистон амалигардӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таҳсилро мутобиқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 164, 174), Қонуни нави ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ва Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таҳсилот ба роҳ мондааст. Новобаста аз ин, масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил, роҳҳои амалигардонии он ва механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок боқӣ хоҳад монд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Файзализода Б.Ф. ба паҳлӯҳои норавшани масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ба таҳсил, роҳҳои амалигардонии он ва механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил бахшида шуда, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аз аҳаммият холӣ нест. Таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Б.Ф. фарогирандаи феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқӣ таҳқиқот асос ёфтаанд.

Пажӯҳишгар дар таҳқиқоти диссертатсионии худ пажӯҳиши таърихӣ-назариявии ҳуқуқ ба таҳсилро дар чор марҳалаи таърихӣ – зардуштӣ, мусулмонӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ баррасӣ намуда, бо истифода аз таҷрибаи низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик тавсияҳои муҳим пешниҳод кардааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки «Агар меъёрҳои ҳуқуқи қонунгузории имрӯзаро вобаста ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил бо сарчашмаҳои таърихӣ муқоиса намоем, маълум мегардад, ки нисбат ба низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон дар низоми муосир ба масъалаи ҳуқуқ ба таҳсил диққати ҷиддӣ зоҳир карда шудааст» (саҳ. 18).

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи маориф, қонунгузории алоҳидаи соҳаи таҳсилот, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ба таҳсил, таълим дар соҳаҳои ҳуқуқи инсон, омодасозии адабитҳои илмӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эродҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Унвонҷӯ пешниҳод намудааст, ки бинобар сабаби васеъ гардидани доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва инкишофи конунгузории соҳаи таҳсилот хуб мешуд, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро якҷоя намуда, бо назардошти талаботҳои қонунгузорӣ як механизми ягонаи амалишавии ҳуқуқ ба таҳсил дар шакли пурра ва оммафаҳм бо номи Кодекси Таҳсилоти Ҷумҳрии Тоҷикистон қабул карда мешуд. (саҳ. 29). Аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки андешаи худро ҳангоми ҳимояи диссертатсия асосноктар намояд ва шарҳи бештар диҳад.

2. Дар автореферати диссертатсия унвонҷӯ ҳуқуқ ба таҳсили фосилавиро яке аз навигариҳои дигари давраи инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар замони истиқлолият ҳисобида, онро яке аз шаклҳои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил маънидод намудааст (саҳ. 13). Вале дар матни автореферат шарҳи пурра ва коркардӣ илмӣ вобаста ба масъалаи таҳсилоти фосилавӣ ҷой надорад. Аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки андешаи худро ҳангоми ҳимояи диссертатсия баён намояд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Файзализода Бахтиёр Файзалӣ дар мавзуи Ҳуқуқ ба таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: пажӯҳиши таърихӣ - назариявӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Такриздиҳанда:**
Муовини аввал, муовини директори
иҷроия оид ба илм, инноватсия ва
робитаҳои байналмилалии филиали
Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.М .Диноршоҳ

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус С.М. Пирназаров
«_5_» _05_ 2022 с.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Бохтар 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-02,
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj